ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 02 соли 2026 № 59/ди ш. Душанбе

Дар бораи рад кардани дархост
оид ба баробарарзишии дипломи дараҷаи илмӣ

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муасисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, фармоиш медиҳам:

1. Дархости Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 25.06.2025, №30001/23-1232 оид ба эътироф ва баробарарзиш намудани дипломи дараҷаи илмии Сафаров Мустафо Сулаймонович бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи қисми 4 моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», банди 45 Низомномаи постдокторантура ва сархати сеюми банди 26 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ рад карда шавад.

2. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2026, №2

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ